**ТАСДИҚ МЕКУНАМ**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, д.и.ф., профессор Маҳмадизода И.Д.

_______________

«_13_» майи соли 2024

# ХУЛОСАИ
Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
аз «7» майи соли 2024

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ дар мавзӯи «Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шудааст.

Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ солҳои 2006 – 2011 Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро бо ихтисоси "Ҳуқуқшинос", солҳои 2019 – 2021 Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси "Идораи давлатӣ" хатм намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2013 то моҳи июли соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи "Назарияи давлат ва ҳуқуқ" ва "Ҳуқуқи конститутсионӣ"-и Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, аз соли 2015 то ба имрӯз дар мансабҳои гуногуни хизмати давлатӣ: муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2015-2020), муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2020-2022) фаъолият намуда, аз моҳи феврали соли 2024 муовини сардори Саридораи ҳифзи сирри давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз соли 2017 унвонҷӯи Шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Аз тарафи унвонҷӯ имтиҳонҳои зерини номзадӣ супорида шудааст:
- забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои «хуб» 13 декабри соли 2022;
- таърих ва фалсафаи илм бо баҳои «хуб» 18 майи соли 2023;

- сиёсатшиносии умумӣ бо баҳои «аъло» 25 майи соли 2023;
- ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (имтиҳон аз рӯи ихтисос) - бо баҳои «аъло» 5 июни соли 2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ № 1067 аз 6 июни соли 2023 аз тарафи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Зокиров Г.Н.** - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор.

Диссертатсияи унвонҷӯ Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ дар маҷлиси муштараки Шуъбаи сиёсатшиносӣ ва Шуъбаи масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Дар муҳокима иштирок доштанд: Муҳаммад А.Н. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Маҳмадизода Н.Д. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Зиёи Х.М. - доктори илмҳои фалсафа, профессор, Искандаров А. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Хидирзода М.У. – доктори илмҳои фалсафа, профессор, Муродов С.А. – номзади илмҳои сиёсӣ, Зокиров Г.Н. - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Ҳакимов Р.М. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Сафарализода Х.Қ. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Додихудоев Х.А. – номзади илмҳои сиёсӣ, Раҳимов Д.Қ. - номзади илмҳои сиёсӣ, Ким В.М. – ходими хурди илмии Шуъбаи сиёсатшиносӣ, Саймаҳмадов Л.Н. – ходими хурди илмии Шуъбаи сиёсатшиносӣ, Ҳасанова М.М. - лаборанти калони Шуъбаи сиёсатшиносӣ Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ – унвонҷӯ.

**Аз рӯйи натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулоса қабул карда шудааст:**

Диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ "Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози раванди истиқлолгароӣ бо роҳи демократӣ пеш рафтанро ихтиёр намуда, пай дар пай навъҳо ва шаклҳои гуногуни ислоҳоти демократиро амалӣ мегардонад. Ҳангоми амалӣ намудани иқдомҳои гуногун умумиятҳои мухталифи иҷтимоӣ мақом ва нақши хосаеро касб менамоянд. Аз ҷумла, инкишофи ҳамаҷонибаи Тоҷикистон аз мақом ва ҷойгоҳи ҷавонон ҳамчун неруи муҳими инкишофи ҷомеа вобаста аст. Дар шароити муосири инкишофи мамлакат ҷавонон нисбат ба наслҳои қаблӣ дар интихоби масири рушд озодтар буда, ба навоварӣ ва истифодаи технологияҳои муосир бештар

майл доранд. Чунин муносибат мақоми пешбари онҳоро дар низоми муосири пешрафт муайян менамояд.

Дар олами муосир аз ҷавонон талаб мегардад, ки ба иҷрои рисолати барандаи идеологияи умумимиллӣ, рушддиҳандаи фарҳанги миллӣ ва таҳкимбахши муносибатҳои байни наслҳо омода бошанд. Насли наврас бояд неруи меҳварии рушди ҷомеаи муосир бошад ва чунин рисолатро худи ҷавонон бояд эҳсос намоянд ва амиқ дарк кунанд.

Давраи ҳозираи инкишофи мамлакат дар назди мақомоти мухталифи давлат, низоми давлатдорӣ ва пайвастагиҳою робитаҳо бо унсурони мухталифи ҷомеаи маданӣ вазифаҳои таъхирнопазир оид ба таъмини иштироки ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои мубрами инкишофи ҷомеа, саҳми онҳо дар танзим ва идорашавандагии раванду ҳодисаҳои мухталиф ва ғайраро ба миён мегузорад. Ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи маданиро зарур аст, ки ба раванди сотсиаликунонии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои худшиносии онҳо таваҷҷуҳи махсус дода, ба ҳалли масъалаҳои гуногуни ҷавонон ҳамчун умумияти фаъолу зудҳаракати ҷомеаи муосир диққати махсус диҳанд.

Ҳалли масъалаҳои мухталифи ҳаёти ҷавонон, таъмини шароити воқеӣ барои рушди мутаносиби онҳо ва истифодаи самараноки неру ва қудратҳои дигари онҳо аз мақомоти дигари идоракунии ҷомеа тақозо менамоянд, ки роҳу усулҳо ва воситаҳои мусоиду самараноки дар ҳаёти ҷамъиятӣ истифода намудани онҳоро пайдо созад. Яке аз чунин воситаҳои муҳим таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва дарёфти роҳу воситаҳои беҳтари татбиқи он ба шумор меравад.

Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон самти мустақили фаъолияти давлат буда, ташаккули шароити зарурии иҷтимоиро барои рушди умумии кишвар таъмин намуда, дар асоси ҳамкории фаъол бо институтҳои ҷомеаи маданӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ҷавонон амалӣ карда мешавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ба таъмини беҳбуди вазъи онҳо, баланд бардоштани саҳми ҷавонон дар рақобатпазирии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нигаронида шудааст.

Таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон бо мақсади ба таври мунтазам ҷалб намудани ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ташаккул додани малакаҳои зиндагии мустақилонаи сокинони ҷавони кишвар, огоҳ намудани ҳамаи ҷавонон аз имкониятҳои рушди онҳо дар Тоҷикистон ва ҷаҳон муҳим аст. Сиёсати муваффақона имкон медиҳад, ки ҷавонон тавоноии худро пурра амалӣ гардонанд, боварӣро

ба қобилият ва ояндаи худ таҳким бахшанд.

Низоми нави ҷаҳонӣ, ки давраи ташаккулро аз бар менамояд ба муносибатҳову ҳамкориҳои кишварҳои дунё ва фаъолияти ташкилотҳои байналхалқӣ бетаъсир намонда. сабаби ташаккулу таҳияи барномаву чораҳои ислоҳотӣ ва навгарой мегарданд. Онҳо ба фаъолияти бонуфузтарин ташкилоти байналхалқӣ ва минтақавию локалӣ таъсири муассир расонида, онҳоро маҷбур менамоянд, ки мақому мартабаи худро дар воқеияти нави ҷаҳонӣ аз нав баррасӣ намуда, кору фаъолияти худро мувофиқи тағйиротҳои нави геополитикӣ татбиқ намоянд. Равандҳои солҳои 80-90 –ми асри XX ташкилотҳои бонуфузи минтақавӣ ва ҷаҳониро натанҳо ба тағйиру бозрасии мазмуну муҳтавои фаъолияти худ, балки барои таҳияву дарки равандҳо ва масъалаҳои нави инкишоф маҷбур сохтанд. Дар доираи чунин муносибатҳо рӯоварӣ ба ҷавонон ва масъалаҳои гуногуни онҳо дар маркази таваҷҷуҳз қарор доштанд. Масъалаи таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон низ дар заминаи чунин муносибатҳо вусъат ёфта, хусусиятҳои хосро касб мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ дар самти ҷавонон бо таври давомдор фаъолият менамояд, ки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гендерӣ, фарҳангиву маърифатии минтақавӣ ва ҷаҳониро дар бар мегирад. Ҳамкориҳои Тоҷикистон дар самти масъалаву дархостҳои ҷавонон кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ ба қатори давлатҳои рӯ ба инкишоф ворид намуда, аз ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ ба монанди таъмини аҳолӣ бо об, ғизо, амният, ҳифзи иҷтимоӣ, дастрасӣ ба кору ва маориф, технологияҳои муосир ва ғайра дарак медиҳад.

Тавассути ҳамкориҳо ва пайвастҳои қавӣ бо мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷавонон ва ташкилоту иттиҳодияҳои сарпарасти онҳо дар раванди ҳалли масъалаҳои ва таъмини дархостҳо муваффақиятҳои назаррасе пайдо менамоянд, онҳоро рушд дода, таҳким мебахшанд. Аммо дар баробари пешрафтҳои гуногуну назаррас ҷавонон, иттиҳодияҳои сиёсии онҳо ва масъулини онҳо дар низоми идоракунии давлатӣ ба масъалаҳо ва мушкилиҳое рӯ ба рӯ мегарданд, ки ҳамчун монеаи инкишофи мутаносиби ҷомеа ва зиёда аз ин, унсури манфию бесамари инкишоф баҳогузорӣ мегарданд. Манзур аз ин гуфтаҳо, дурравии қисме аз ҷавонон аз низоми мутаносиб ва равандҳои ваҳдатсози ҷомеа, рӯовариҳои қисме аз онҳо ба созмону ҳаракатҳои экстремистию ифротгароии дигар мебошад. Аз ин хотир, яке аз масъалаҳои марказии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавононро пешгириҳо аз гаравиданҳои носолими ҷавонон ташкил медиҳанд. Сиёсати давлатӣ

дар бораи ҷавонон воситаи беҳтарин ва асосии пешгирии ҳангоматалабии ҷавонон дар раванди сиёсӣ, дур намудани онҳо аз ҳарт гуна тақаллуби сиёсӣ ва ҳодисаҳои ифротгароӣ, дарёфти роҳу воситаҳои пайдо намудани муқовимат бар онҳо бароммад менамояд.

Дар раванди таҳия ва амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон, муҳтаво ва мазмуни шоистаи он, махсусан тақвияти равандҳои сулҳофаринӣ, таъмини ваҳдат ва ягонагии миллӣ ва масъалаҳои мубрами дигар аз мақоми Сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва асарҳову паёмҳои вай, суханрониҳои вай дар ҳамоишҳои гуногун ба таври васеъ ва самаранок бояд истифода намуд.

Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон як падидаи нави сиёсии замони истиқлол буда, санади сарнавиштсоз, раҳнамо ва қутбнамои инкишофи ҷомеа мебошад, ки самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, нақшаву барномаҳои рушди устувори минбаъдаи онро дар тамоми самту соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро фаро мегирад ва вазифа, мақсаду маром, роҳу воситаҳои тактикиро барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ муайян ва мушаххас менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки таҷрибаи татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар заминаи равандҳои муассири олами глобалӣ мақоми масъалаҳои муҳими илми сиёсиро касб намуда, пеш аз ҳама, дар таҷрибаи чунин кишварҳои рӯ ба инкишоф, монанди Тоҷикистон, хеле мубрам мебошад.

**Навгонии илмӣ ва амалии таҳқиқот чунин нишон дода шудаанд**:

- масъалаҳои назариявӣ ва методологии ҷавонон ҳамчун умумияти иҷтимоӣ ва нерӯи фаъоли ҷомеаи муосир мавриди омӯзиши амиқ ва хулосагириҳо вобаста ба мазмун ва моҳияти низоми сиёсӣ қарор гирифтаанд;
- мақом ва ҷойгоҳи ҷавонон ҳамчун объект ва субъекти сиёсати соҳавӣ муаян гардида, паҳлуҳои гуногуни он мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ гардидаанд;
- моҳият ва хусусиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар шароити олами муосир ва хусусиятҳои назариявию методологии он дар шароити кишварҳои гуногун муайян шудаанд;
- кӯшиши дарки дурусти моҳият ва муайян намудани хусусиятҳои идораи фаъолияти ҷавонон ҳамчун неруи муқтадири инкишофи мутаносиби ҷомеаи муосир ба амал омадааст;

- шаклҳо ва воситаҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити Тоҷикистони муосир муайян ва мушаххас гардонида шудаанд;

- тавсифи илмии хусусиятҳои асосии ташаккул ва инкишофи сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вокеият ёфта, асосҳо ва тарзи муносибат муайян гардидаанд;

- махсусиятҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар низоми идораи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ва истифодаи онҳо дар давраи ҳозираи инкишоф муайян карда шудаанд;

- масъалаҳои асосӣ ва дурнамои татбиқи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳрезӣ гардида, усулҳои асосии он мукаррар гардидаанд.

**Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд дар бандҳои зерин ифода мегарданд:**

1. Дар ҷомеаи муосир нақши фаъолияти мақсадноки давлат дар татбиқи равандҳои иҷтимоишавӣ хеле меафзояд. Дар ин раванд сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон нақши муҳим мебозад, ки на камтар аз сиёсати таълимӣ ҳам ба ташаккули тамоюли арзишҳои ҷавонон ва ҳам мутобиқшавии ҷавонон ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоию фарҳангӣ ва иқтисодии ҳаёти онҳо таъсир мерасонад. Субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон на танҳо давлат, иттиҳодияҳои ҷавонон ва худи ҷавонон, балки тамоми умумиятҳои иҷтимоӣ, неруҳои сиёсӣ ва унсурҳои ҷомеаи маданӣ мебошанд. Мазмуни сифатии ҳамкории онҳо дар соҳаи татбиқи сиёсати ҷавонон яке аз шартҳои рушд ва фаъолияти низоми сиёсии ҷомеа мебошад.Таҳлил ва ҷамъбасти мунтазами таҷрибаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи ҳуқуқӣ дар ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон, ҷустуҷӯи шаклҳо ва роҳҳои муассири таъмини татбиқи манфиатҳои қонунӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои ҷавононро мукаммал мегардонад.

2. Роҳҳои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон дар кишвари мо бо санадҳои гуногуни сиёсӣ ва меъёрии ҳуқуқии сатҳи миллӣ танзим карда мешаванд. Ташаккул ва татбиқи сиёсати ҷавонон дар сатҳи миллӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо сиёсати давлатӣ пайвасти бевосита доранд. Фаъолият ва татбиқи он ба назар гирифтани масъалаҳои муҳимтарини ҷавонон дар соҳаҳои гуногуни ҳаётро дар бар мегирад. Сиёсати давлатии ҷавонон - маҷмӯи тадбирҳоест, ки дар доираи вазифаҳо ва салоҳиятҳои давлат амалӣ карда мешаванд ва ба фароҳам овардани шароити мусоиди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ барои рушди ҷавонон нигаронида шудаанд. Дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон самтҳои асосии зерин ҷудо карда мешаванд: тадбирҳо дар сохаи маориф ва маълумотгирии ҷавонон, мутахассис гардидани онҳо; кӯмак ба шаҳрвандони ҷавон дар доираи масъалаҳои саломатӣ; кӯмак намудан дар масъалаи таъмини шуғл; дастгирии оилаҳои ҷавон; ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва ғайра.

Дар шароити навсозии ҷомеа ва талаботи рӯзафзун ба сармояи инсонӣ сиёсати давлатии ҷавонон бояд як абзори рушд ва дигаргунсозии

кишвар гардад. Ин аз ҳамаи акторони раванди ташаккули ичтимоии ҷавонон талаб мекунад, ки равишҳоеро кор карда бароянд ва собитқадамона ба амал баранд, ки ба ҷалби бевоситаи ҷавонон ба ҳалли масъалаҳои худ ва вазифаҳои умумидавлатӣ нигаронида шудаанд.

3. Таҳия ва рушди сиёсати ҷавонон дар фазои пасошӯравӣ, пеш аз ҳама, вобаста бо равандҳои умумии ҳамгироӣ дар минтақа, ки ногузир дар заминаи ҳамкорӣ ва ҳамшарикии стратегии кишварҳои минтақа ба вуҷуд меояд, асос меёбад. Агар ин ҳамкориҳо ба таври умум тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои байналхалқию минтақавии кишварҳоро фаро гирифта, дар шакли ташкили иттифоку иттиҳодияҳои гуногунсамту мухталиф ҳамчун ҳадаф татбиқ гардад. Дар аксари ин ташкилотҳои ҳамгироии байналхалқию минтақавӣ масъалаи ҷавонон ба таври мушаххас баррасӣ карда мешаванд.

4. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон объект ва субъекти хосаро пайдо намудааст. Дар кишвари мо объекти сиёсати давлатии ҷавонон шахсони аз 14 то 30 сола, оилаҳои ҷавон ва иттиҳодияҳои ҷавонон мебошанд. Дар навбати худ, субъектҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон инҳоянд: шаҳрвандони ҷавони Тоҷикистон, мақомоти мухталифи идоракунии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, мақомоти машваратии ҷавонон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар татбиқи самтҳои сиёсати давлатии ҷавонон иштирок доранд.

5. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ мавзуъҳои муҳимро дар бар гирифта, мақоми таъкидӣ доранд, ки ҳар дафъа онҳо бо баррасии нав, афкори тоза, мазмуни мантиқии ҷавҳарӣ ҷило дода, таъкидгари ҷанбаҳои муҳими истиқлол ва ҳувияти миллат мебошанд. Аз ҷумлаи чунин мазмунҳо таъкиди асос ва сарчашмаҳои истиқлолият, ҳувияти миллӣ, манфиати миллӣ, арзишҳои муҳимтарини миллӣ мебошанд, ки масъалаи таваҷҷуҳи махсуси давлат ва Ҳукумати кишвар нисбат ба ҷавонон маҳсуб меёбад. Дар ҳамаи Паёмҳо ҷавонон идомадиҳандаи роҳи падарон, насле ном гирифта мешаванд, киояндаи кишвару миллат ба дасти онҳо супорида мешавад. Рисолати мазкур ҳамчун масъалае матраҳ мегардад, ки аҳаммияти бисёрҷабҳа дорад. Аз як ҷониб, масъулияти насли имрӯза, ки сохтмон ва рушди суверенитети давлатиро ба уҳда доранд ва аз тарафи дигар, масъулияти насли оянда, ки меросбари он ба ҳисоб меравад;

6. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло таърихи зиётар аз сисола дошта, дар ташреҳи таҷрибаи таърихии ташаккули он таҷрибаи ҳамгароӣ ва таъйини тафовуту вижагиҳо дида мешавад. Сарфи назар аз тафовутҳои муайян дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, асоси онро ғояи ҳамгироию ваҳдати ҷомеа ба хотири барқарории муҳити ягонаи башаргароӣ, ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ, таъмини рушди босуботи ҷомеа ташкил менамояд. Ташаккули муҳити мазкур ба мантиқи ягонаи вусъат ва тавсеа ёфтани ҳудуди сиёсати

фарҳангии дохилӣ, ки ҷиҳати инкишофи сатҳи васеътари самтгириҳои нави арзишӣ дар муҳити муташаккили ҷавонон мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Аз он иборат аст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва хулосаҳои муаллиф барои ташаккули стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон ва амалӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти дахлдор, аз ҷумла Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ба таври васеъ истифода шаванд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти идоракунии ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ, дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди сиёсати давлатӣ дар мавриди ҷавонон ва дарёфти фаъолгардонии онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ истифода намуд.

Тавсияҳои амалии муаллиф барои тақвияти ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолгардонии ҷавонон ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои дигар дар сиёсати ҷавонон хеле муфид мебошанд.

Маводи кори диссертатсиониро зимни корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ, гузаронидани чорабиниҳои давлатӣ, таҳияи курсҳо, дастурҳои таълимӣ, барномаҳо доир ба фанҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, инчунин гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯён ва аспирантон истифода бурдан мумкин аст.

Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва як монография чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ ва 1 монографияи муаллиф чоп гардидаанд.

Мазмуни асосии тадқиқоти диссертиатсионӣ дар мақолаҳои зерини муаллиф баён шудааст:

[1-М]. Аҳмадзода Д.Д. Баррасии бунёди назариявӣ-методологии сиёсати байналмилалии ҷавонон // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2019. –№4 (81). –С.147-156. ISSN 2411-1945

[2-М]. Аҳмадзода Д.Д. Ташаккулёбии муҳити ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. –№2. –С.272-277. ISSN 2413-5151

[3-М]. Аҳмадзода Д.Д. Гуногунсамтии сиёсати ҷавонон дар муносибатҳои байналмилалӣ // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ”. Шумораи 1 (соли 2020) ISSN 0002-0000

[4-М]. Аҳмадзода Д.Д. Баъзе аз масъалаҳои татбиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд // Масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар замони муосир: назария ва амалия: маводи конференсияи ҷумҳуриявии

илмию назариявӣ (ш.Хуҷанд, 13 ноябри соли 2013). –Хуҷанд: Ношир, 2013. –С.146-151.

[5-М]. Аҳмадзода Д.Д. Хусусиятҳои умумии институти идоракунии давлатӣ: таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавӣ // Рушди илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар замони муосир: муаммо, ҳолат ва дурнамои инкишоф: маводи конференсияи илмию назариявӣ (ш.Хуҷанд, 29-30 майи соли 2014). –Хуҷанд, 2014. –С.85-91.

[6-М]. Аҳмадзода Д.Д. Зуҳуроти ифротгароиву терроризм дар замони муосир ва хатарҳои он ба арзишҳои миллӣ // Терроризм ва ифротгароӣ: роҳҳои пешгирии он (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). –Душанбе: Маориф, 2015. –С.214-222.

[7-М]. Аҳмадзода Д.Д. Дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон // Ҷавонон пайрави Пешвои миллат (маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). –Хуҷанд: Ношир, 2017. –С.180-186.

[8-М]. Аҳмадзода Д.Д. Пошхӯрии оилаҳои ҷавон бо сабаби зӯроварӣ таассуфовар аст // Ҳамкории стратегӣ оиди муқовимат ба зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи лоиҳаи PDV). –Душанбе, 2019. –С.118-120.

[9-М]. Аҳмадзода Д.Д. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва ташаккули иделогияи миллӣ // Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва эҳёи худшиносии миллӣ маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ). –Хуҷанд: Ношир, 2022. –С.156-161.

[10-М]. Аҳмадзода Д.Д. Хусусиятҳои татбиқи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ: таҳлили фалсафӣ-сиёсӣ // Монография. Нашриёти “Адиб”-2022.-С.158.

[11-М]. Аҳмадзода Д.Д. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи ташаккули ҷаҳонбинии фалсафӣ-сиёсии ҷавонон // Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2023-№2. –С.300-317. ISSN 2664-0651

[12-М]. Аҳмадзода Д.Д. Ҷанбаҳои асосии ташаккули сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Масъалаҳои тақвияти ватандӯстӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ- омили муҳимми таҳкими давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 20 феврали соли 2023).-Душанбе, 2023.- С. 24-36.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ “Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон” пажӯҳиши комилу анҷомёфта мебошад.

Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия мувофиқ мебошад.

Истифодаи мавод ва усул, инчунин методологияи таҳқиқоти гузаронидашуда ба ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, татбиқи амалӣ ва тартиби омодасозӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия мувофикат мекунад.

Диссертатсияи Аҳмадзода Дилноза Давроналӣ "Сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон ва хусусиятҳои татбиқи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон"ба ҳимоя барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ тавсия дода мешавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки Шуъбаи сиёсатшиносӣ ва Шуъбаи масоили сиёсии имуносибатҳои байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 7- майи соли 2024 қабул шудааст.

Дар маҷлис 14 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар; «муқобил» - нест; «бетараф» - нест. Протоколи №9 аз 3 майи соли 2024.

Мудири Шуъбаи сиёсатшиносии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон
Номзади илмҳои сиёсӣ ____________ **Муродов С.А.**

Котиби ҷаласаи васеи Шуъбаи сиёсатшиносии
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон ____________ **Ҳасанова М.М.**

Имзои **Муродов С.А.** ва **Ҳасанова М.М.** - ро
тасдиқ мекунам.

Нозири калони Шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон ____________ **Абдураҳмонзода Б.А.**